ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзӯи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология, ва биохимияи растаниҳо.

Рисолаи номзадии Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим ба омӯзиши қиёсии баъзе нишондиҳандаҳои интегралие, ки ҳолати физиологию биохимиявии навъҳои равғанини растании офтобпарасти дар минтақаҳои гуногуни иқлимӣ парваришёфтаро инъикос мекунад, бахшида шудааст. Омӯзиши таъсири омилҳои экологӣ ба равандҳои физиологию биохимиявӣ, давомнокии давраи нашъунамои офтобпараст хеле муҳим мебошад, зеро то оғоз кардани таҳқиқотҳои онҳо ин масъалаҳо кам омӯхта шудаанд.

Кори мазкур дар се минтақаҳои гуногуни иқлимии қисмати ҷанубии Тоҷикистон: водии Вахш, водии Ҳисор ва минтақаи кӯҳии Кӯлоб гузаронида шудааст. Ба сифати маводи таҳқиқот 3 навъҳои серравғани растании офтобпараст истифода шудааст, ки аз федератсияи Руссия дастрас шудаанд: ВНИИМК-8883, Саратови-85, Донии калондона.

Диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар ҳачми 156 саҳифаи матни чопи компютерӣ ифода гардида, тибқи талаботи тартиб ва услуби илмӣ сохторбандӣ шудааст: кор аз чор боби асосӣ иборат буда, дар дохили онҳо зербоб ҷудо карда шудааст, ки пайдарҳамӣ ва мантиқии пешниҳоди маводро таъмин менамояд. Барои возеҳият ва тасдиқи натиҷаҳо муаллиф аз 24 ҷадвал ва 11 маводи иловагии тасвирӣ (расмҳо) истифода бурдааст. Илова бар ин, ба матни диссертатсия мулоҳизаҳо ва баҳсҳо, як замима ва хулосаи ниҳоӣ дохил карда шудаанд. Феҳристи адабиёт 154 манбаъро дар бар мегирад, ки аз онҳо 55 адад ба осори муҳаққиқони хориҷӣ тааллуқ доранд, ки ин густариши мавод ва хусусияти байналмилалии таҳлили анҷомдодаро нишон медиҳад.

Диққати асосӣ ба масъалаҳои таъсири ҳарорат ва намнокӣ ба равандҳои фотосинтез, мубодилаи карбон дар баргҳо ва нишондиҳандаҳои биохимиявии ҳосили растании офтобпараст равона шудааст. Масъалаҳои камомӯхташуда ва таҳқиқнашуда нишон дода шудааст. Актуалӣ будани масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст.

Дар маҷмуъ, унвончӯй Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар ҳаҷми хеле калон корҳои таҷрибавиро дар мавзӯи дар шароити имрӯза муҳим «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст

(*Heliantus annuus* L.)» иҷро намудааст, ки он фаъолияти илмии ба анҷомрасида мебошад.

Натиҷаҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомада дар корхонаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, марказҳои селексионӣ, ҳамчунин барои донишҷӯён ва аспирантҳо ҳамчун маводи хубе ҳангоми хондани курсҳои тахассусӣ дар кафедраҳои равияҳои биологӣ, физиологияи растаниҳо, ботаника, биохимияи мактабҳои олӣ хизмат карда метавонад.

Гуфтаҳои дар боло баёншуда оиди автореферати Абдукаримзода Қобилҷон дар мавзӯи «**Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)**» гувоҳи онанд, ки дар ҳақиқат рисола аз рӯи ҳаҷми корҳои таҷрибавӣ, навгонӣ ва аҳамияти амалии он ба талаботҳои КОА-и ҶТ ҷавобгуй мебошанд ва муаллифи он Абдукаримзода Қобилҷон ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз руйи ихтисоси 1.5.12. «Физиология ва биохимияи растаниҳо» сазовор мебошад.

Мудири кафедраи
биотехнология
номзади илмҳои биология,дотсент Сайфудинов А. Қ.

Имзои н.и.б., А.Қ . Сайфудинов-ро
тасдиқ мекунам: Сардори раёсати
кадрҳо ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

20.10.2026